**СУРАТМАҶЛИСИ №4**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

**05 ноябри соли 2024** **ш.Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 12 нафар иштирок доранд. Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1.Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Назаршо Моёншоев, доктори илмҳои сиёсӣ Комилбек Амид Ёрбек;
- Директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холиқзода Абдураҳим Ғафор;
- Профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич.

3.Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6.Санаи ҳимоя 14 феврали соли 2025, соати 13:00 таъйин карда шавад.

7.Рӯйхати аъзои шурои диссертатсионӣ, ки мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд:

- доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т.
- доктори илмҳои сиёсӣ Комилбек А.Ё.
- доктори илмҳои сиёсӣ Назарзода П.С.
- доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Л.Ш.
- доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Ш.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ /____________/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /____________/ Сангинов Н.Н.